ТАҲЛИЛИ
таъсири танзимкунии лоиҳаи
Дастурамали №__ "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ
аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Дастурамали №__ "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад | Ташкилотҳои қарзӣ |
| Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 20 январи соли 2021 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 9 ноябри соли 2020 ҷойгир карда шудааст. |
| Маҷмуи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардидааст. Пас аз дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиркунонии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии мазкур аз 9 ноябри соли 2020 то 9 декабри соли 2020 машварати оммавӣ гузаронида шуд. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | Мавриди зикр аст, ки бо назардошти таҷрибаи муосири бонкдорӣ талабот оид ба захираҳои ҳатмӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои амонатгузорону пасандоздорон ва дар сатҳи муайян нигоҳ доштани ҳаҷми пул дар муомилот ҳамчун фишанги сиёсати пулию қарзӣ муқаррар мегардад.<br>Бинобар ин, ҷиҳати минбаъд барои дастгирии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар, инчунин бо мақсади ҷавобгӯ будан ба талаботи муосир бо |

| | |
|---|---|
| | қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда зарурати таҳия ва аз нав ба расмият даровардани Дастурамали мазкур ба миён омадааст.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Дастурамали мазкур, ба ҷараёни татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ва дастгирии соҳаҳои воқеии иқтисодиёти кишвар монеа мегардад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Мақсад аз дар таҳрири нав қабул намудани Дастурамали №__ "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд" амалӣ гардонидани сиёсати пулию қарзӣ ва танзими ҳаҷми пул, таъмини пардохтпазирии низоми бонкӣ ва мусоидат намудан ба пастшавии сатҳи таваррум таҳия менамояд. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Дар заминаи таҳия ва қабул намудани Дастурамали мазкур, ба роҳ мондани ташкили дурусти захираҳои ҳатмӣ, танзими маблағҳои он ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар ин самт аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.<br>Дар Дастурамали №__ "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд" амалӣ гардидани чораҳои зерин дар назар аст. Аз ҷумла:<br>- тартиби ташкил намудани захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд;<br>- амалӣ намудани назорат аз болои саривақт риоя шудани андозаи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои ба онҳо монанд;<br>- иҷрои талабот аз рӯи захираҳои ҳатмӣ ҳангоми кам шудани пойгоҳи захиравӣ ё қатъи фаъолияти ташкилоти қарзӣ;<br>- тартиби баҳисобгирии муҳосибии захираҳои ҳатмӣ.<br>- омода намудани маълумоти (ҳисоботи) |

| | |
|---|---|
| | моҳона оид ба риоя намудани меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ<br>- татбиқи чораҳои фаврииислоҳӣ ва таъсиррасонӣ дар ҳолати аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ риоя нагардидани талаботи захираҳои ҳатмӣ<br>Бонки миллии Тоҷикистон дар оянда низ, вобаста ба набзи иқтисодиёти ҷаҳон ва кишвар, инчунин тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷумҳурӣ барои ҷоннок намудани фишангҳои монетарӣ, аз ҷумла захираҳои ҳатмӣ бо мақсади татбиқ намудани сиёсати самараноки пулию қарзӣ, кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Бо мақсади ҳалли мушкилоти вобаста ба ташкили захираҳои ҳатмӣ Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам бо ташкилотҳои қарзӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳдиҳии муқаррароти қонунгузории амалкунанда гузаронида мешавад. Вале бидуни қабули Дастурамали мазкур ноил гардидан ба ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт ғайриимкон мебошад. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб наменамояд. Аз нав ба расмият даровардани он ба рушди низоми бонкӣ, самаранокии он ва дар навбати худ ба иқтисодиёти мамлакат таъсири мусбӣ расонида, имкон медиҳад, ки хавфи пардохтнопазирии ташкилотҳои қарзӣ кам карда шавад. Инчунин, қабули Дастурамали мазкур боиси оқибатҳои мусбии иҷтимоӣ, бахусус зиёд шудани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои қарзӣ ва аз байн рафтани ҳолатҳои вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои пасандоздорону амонатгузорони ташкилотҳои қарзӣ мегардад. |
| Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ барои иҷрои талаботи захираҳои ҳатмӣ, аз рӯзи гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани амалиёти бонкӣ, ба вуҷуд меоянд. Дар сурати боздоштани иҷрои баъзе амалиёти пешбиникардаи иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ, |

| | |
|---|---|
| | ӯҳдадориҳои мазкур дар давраи ҳисоботӣ қатъ намегарданд.<br>Ташкил намудани андозаи захираҳои ҳатмӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҳар моҳ, дар рӯзи якуми баъди давраи ҳисоботӣ бо роҳи муқоисаи ҳаҷми маблағи воқеан захирашуда ва маблағҳое, ки бояд захира карда шаванд, амалӣ карда мешавад. Тибқи Дастурамали №__ "Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд" ташкилотҳои қарзӣ ҳар моҳ бояд маълумоти (ҳисоботи) моҳона оид ба риоя намудани меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ пешниҳод намоянд.<br>Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоботи ташкилоти қарзиро бо андозаи маблағи воқеан захирашуда муқоиса мекунад ва дар сурати мувофиқ будани онҳо, талабот иҷрошуда ҳисобида мешавад.<br>Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба вазъи иқтисодию низоми молиявӣ, таносуби талабот ва таклифот ба пул, инчунин бо мақсади коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ механизми ҳисоби меъёрҳои захираҳои ҳатмиро тағйир медиҳад.<br>Айни замон меъёри захираҳои ҳатмӣ бо пули миллӣ 1 фоизи солона ва бо асъори хориҷӣ ба 5 фоизи солона муқаррар карда шудааст, ки ин нишондод дар байни кишварҳои минтақа ва ҳамсоя нишондоди нисбатан паст маҳсуб меёбад.<br>Нишондиҳандаи мазкур имконият фароҳам меоварад, ки ба коҳиш додани фишорҳои таваррумӣ ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ мусоидат намояд. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 15 феврали соли 2021 |

Муовини Раис М. Накҳатзода